**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Тохтаров Искандар Холаҳмадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Тохтаров Искандар Холаҳмадович дар Донишгоҳи давлатии Данғара таҳсил намуда, онро соли 2020 аз рӯйи ихтисоси 1-40010202 – Технология ва низоми иттилоот дар иқтисодиёт бо гирифтани тахассуси «иқтисодчӣ-барномасоз-муҳандис» хатм кардааст. Пас аз хатми зинаи мутахассис дар давраи солҳои 2020-2025 ба ҳайси унвонҷӯи донишгоҳи номбурда дар кафедраи молия ва фаъолияти бонкӣ ба иҷрои рисолаи илмӣ машғул шудааст. Имтиҳонҳо минимуми номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм бо баҳои хуб, забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои «хуб» супоридааст (Донишгоҳи давлатии Данғара, протоколои №003 аз 24.06.2023с.). Имтиҳонро аз фанҳои тахассусӣ бо баҳои «аъло» супоридааст (Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 31.01.2025 с.). Дар давраи унвонҷӯӣ дар якчанд коференсияҳои илмӣ-амалии байналмилаллӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Унвонҷӯ Тохтаров И.Х. аз соли 2020 то ба инҷониб ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ва хусусиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул мебошад. Ӯ дар ин давра ҳамеша бо кори самараноки илмӣ машғул шудааст. Аз ҷумла дар интихоб, ҷамъоварӣ ва омӯзиши адабиёт ва маводи ба мавзуи диссертатсия алоқаманд дараҷаи баланди мустақилиятро нишон дод. Доир ба пахлуҳои ҷудогонаи мавзуъ ва бахшҳои асосии диссертатсияи худ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Барои расидан ба мақсади таҳқиқот ва матраҳсозии вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд корҳои илмии появии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, маводи амалӣ ва омориро васеъ истифода бурдааст.

Дар давраи кунунӣ дастнависи диссертатсия муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти худи муҳаққиқро ташкил медиҳад.

Дар боби якум - «Асосҳои назариявию методологии қарздиҳии корхонаҳои кишоварзӣ», равандҳои таҳаввули муносибатҳои қарзии байни корхонаҳои кишоварзӣ ва муассисаҳои молиявӣ, инчунин равишҳои асосии

назариявии дарки мафҳуми кишоварзӣ ва моҳияти иқтисодии он баррасӣ карда мешаванд. Таваҷҷуҳи зиёд ба зарурати қарздиҳии имтиёзнок, ки дар шароити ноустувории молиявӣ захираҳои молиявиро барои бахши кишоварзӣ дастрас месозад, дода мешавад.

Дар боби дуюм - – «Вазъи муосири қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», хусусиятҳои механизми мавҷудаи қарздиҳии имтиёзнок таҳлил карда шуда, инчунин мушкилоти асосие, ки корхонаҳои кишоварзӣ ҳангоми гирифтани қарзҳои имтиёзнок дучор меоянд, таҳлил карда шудаанд. Дар ин бахш ҳамчунин имконияти ҳамгироӣ бо низомҳои қарзии ҷаҳонӣ барои беҳтар кардани шароити қарздиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ баррасӣ мешавад.

Дар боби сеюм - «Тамоюлоти рушди қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ», дар асоси таҳлили имкониятҳои ҳавасмандгардонии давлатии қарзҳои кишоварзӣ, дар бобати такмил доданӣ низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ таклифҳо пешниҳод карда шудаанд. Инчунин барои татбиқи ин пешниҳодҳо роҳҳои ҳалли мушкилоти асосӣ, аз қабили монеаҳои расмиётпарастӣ ва нокифоя будани захираҳои молиявӣ муайян карда шудаанд.

Ба унвонҷӯ Тохтаров И.Х. муясар гардидааст, ки ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ва хусусиятҳои онро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намояд, ки ин аз расидан ба мақсади гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ Тохтаров И.Х. имконият фароҳам овард, ки хулосаҳои аз натиҷаи диссертатсия таҳияшударо асоснок кунад, тавсия ва пешниҳодҳои худро вобаста ба муайян кардани самтҳои рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ манзур намояд.

Диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, кори илмии баитмомрасида оид ба ҳалли масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалии ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Доштани малакаҳои таҳлилӣ ба уновонҷӯ имкон дод, ки таҳқиқоти худро дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ анҷом диҳад.

Дар амал санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳамияти амалӣ ва имконияти истифодаи натиҷаҳо аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ аз аҳамияти амалии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар ҷараёни иҷрои кори илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ маводи амалӣ ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбаст карда шудааст, усулҳои илмии таҳлил ва таркиб, таҳлили мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ ва иқтисодӣ-риёзӣ, инчунин таҳлили графикӣ, арзёбии коршиносӣ, истисно ва муқоиса истифода шудааст.

Ҳамин тариқ, унвонҷӯ Тохтаров Искандар Холаҳмадович вазифаҳои таҳқиқотро бомуваффақият иҷро карда, ба мақсади таҳқиқот ноил гардидааст.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории диссертатсияи Тохтаров И.Х. ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, тахти №295) нисбат ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Каримов Б.Ҳ.**

**Имзои Каримов Б.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**

12.03.2025с